**Ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Абдулаҳадзода Собирҷон Абдулаҳад дар мавзуи «Раванди интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқӣ-конститутсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ**

Ҳуқуқи интихобот яке аз падидаҳои муҳимми давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд ба ҳисоб меравад, ки иштироки бевоситаи шаҳрвандонро дар ташаккули мақомоти ҳокимияти давлатӣ таъмин менамояд. Падидаи мазкур дар амалисозии иродаи халқ ҳамчун асоси бунёдкунандаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҷойгоҳи аввалиндараҷа дошта, амалан инъикос намудани Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун давлати демократӣ таъмин менамояд. Ҳамзамон, интихобот барои баландбардории эътибор ва нуфӯзи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи ҷомеаи башарӣ ҳамчун давлати демократӣ накши муассир дошта, мавқеи кишварро дар сатҳи байналмилалӣ муаррифӣ менамояд.

Зимни таҳлили таҳқиқоти диссертатсионӣ маълум мегардад, ки С.А. Абдулаҳадзода тавонистааст, ки мақсад ва вазифаҳои дар доираи диссертатсия муайянгардидаро амалӣ намуда, консепсияи нави илмиро дар илми ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ таҳия намояд. Таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаи раванди интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳифаи наверо дар илми ҳуқуқи конститутсионии кишвар боз менамояд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз лиҳози мазмун ва моҳият мукаммал буда, тарзи навишт ва баёни масъалаҳо аз лиҳози мантиқ устувор

мебошад ва аҳаммияти хоси илмӣ-назариявиро дар худ таҷассум менамояд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ доираи зиёди сарчашмаҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ истифода гардидааст, ки раванди таҳлили масъалаи мазкурро мукаммал гардонидааст. Ҳамзамон, қонунгузории кишвар, аз ҷумла қонунгузории интихоботиро мавриди таҳлил ва таҳқиқи амиқи илмӣ қарор гирифта, нисбат ба такмили як қатор меъёрҳои он таклифҳо ва тавсияҳои асосноки илмӣ манзур гардидааст.

Сохтори таҳқиқоти диссертатсионӣ ба мазмуни масъалаи пажӯҳишгардида мутобиқ намуда, тарзи масъалагузорӣ дар доираи бобҳо ва зербобҳо ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ мувофиқат менамояд.

Муаллиф вобаста ба масъалаи таҳқиқоти диссертатсионӣ 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст, ки аз пажӯҳиши ҳамҷонибаи масъалаи раванди интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби муаллифро инъикос менамояд.

Бояд зикр кард, ки дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳолатҳои баҳснокро во хӯрдан мумкин аст. Чунончи, ба андешаи муаллиф расмӣ гардонидани натиҷаҳои ҷории интихобот ва тасдиқи онҳо бо ҳуҷҷатҳо; ва имкони шикоят бурдан ба суд ё мақомоти маъмурӣ аз амалҳо ва қарорҳои ҳар як иштирокчии раванди интихобот ҳамчун усулҳои раванди интихоботӣ муайян гардидааст. Ба назари мо, усулҳои мазкур, ки аз ҷониби муаллиф баён гардидааст, моҳиятан расмиётҳои алоҳида дар раванди интихобот маҳсуб меёбад. Бинобар ҳамин, вобаста ба ин масъала мехоҳем андешаи муаллиф баён карда шавад.

Ҳолати болозикр хусусияти мубоҳисавӣ дошта, ба мазмуни кор таъсири ҷиддӣ намерасонад.

Дар маҷмуъ, таҳқиқоти диссертатсионии Абдулаҳадзода С.А. кори анҷомёфта ба ҳисоб рафта, тавсияҳо ва андешаҳои илмии дар он инъикос гардида аҳаммияти муҳимми илмиро доро мебошанд.

Диссертатсияи Абдулаҳадзода Собирҷон Абдулаҳад ба талаботи дахлдори илмӣ, хусусан ба Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, ӯ сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мебошад.

Муқарризи расмӣ:
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
мудири кафедраи ҳуқуқшиносии
факултети таърих ва ҳуқуқи
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров Мухторзода К.Т.

Имзои Мухторзода К.Т.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Сайдуллозода З.С.

27.11.24

Суроғаи муқарриз:
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, хиёбони Мавлонбеков, 3
E-mail: hgu-rector@khujandi.com; http//www.hgu.tj; mkt-1977-20@mail.ru
Факс: (+992) 92 990-40-55